## Суратмаҷлиси № 6

ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-070-и
назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва
Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон

**аз 2-юми апрели соли 2026** **шаҳри Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2025, №53/шд (бо тағиру илова 02.02.2026, №50/шд) тасдиқ гардида, 16 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктарони илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Каримзода Саъдулло Салим** дар мавзуи **«Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ.

### ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ – Додхудоева Л. ва узви комиссияи экспертӣ – Муминова Ҳ.А. сухан гуфтанд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

### ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Охониёзов Варқа Дустович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, фолклоршинос, ходими пешбари илмии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Худойбердиев Султоналӣ** – номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон** таъин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.
6. Таърихи баргузории ҳимоя **11-уми июни соли 2026, соати 15:00** муқаррар карда шавад.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои муштараки диссертатсионӣ,
доктори илмҳои санъатшиносӣ Низомов Аслиддин

Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шарифзода Лутфулло Абдулло